Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14 http://www.tgfeu.tj/tj)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар доираи татбиқи Стратегияи миллий рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст (солҳои 2021-2025) "татбиқи максималии иқтидорҳои институтсионалии модели нави рушд ба даст омода якбора зиёдшавии ҳаҷми сармоягузорӣ дар бахши воқеӣ ва инфрасохтор ҳамчун заминаи асосӣ барои рушди иқтисодиёт мегардад. Афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо тавассути ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва маблағгузориҳои давлатӣ ба даст меоянд".

Дар баробари ин, барои татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар захираҳои молиявӣ маҳдуд буда, ба масъалаи беҳтарсозии равандҳои сармоягузорӣ диққати махсус дода мешавад. Густариши фаъолонаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин, амиқтар шудани робитаҳои иқтисодию сармоягузории ба манфиати тарафайн бо давлатҳои шарик ва дигар субъектҳои бозори ҷаҳонӣ нигаронидашуда барои истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ заминаи боэътимод фароҳам месозад. Дар ин замина, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо ҷиҳати ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ андешида мешаванд, ки ба таҳкими суботи молиявӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ равона гардидаанд.

Самтҳои афзалиятҳои рушди иқтисодии кишвар ҳоло нисбат ба солҳои қаблӣ бештар аз дастгирии молиявӣ вобастагӣ доранд ва ташкили самараноки механизмҳои маблағгузорӣ ва танзими дурусти онҳо имкониятҳои васеъро барои фаъолсозии равандҳои сармоягузорӣ фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳими ҳар як давлат тақвияти равандҳои сармоягузорӣ ва рушди ҳамкории сармоягузорӣ бо шарикони рушд мебошад. Таъмини рушди равандҳои сармоягузорӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ танҳо тавассути маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ бо истифода аз ҳамаи манбаъҳои дохилӣ ва беруна имконпазир аст. Фароҳам овардани муҳити мусоид, пеш аз ҳама тавассути маблағгузорӣ ва ҳавасмандгардонӣ ба

даст оварда мешавад ва инчунин барои пешгирии хатарҳои молиявӣ заминаи мустаҳкам ва боэътимод мегузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи назариявии тадқиқот дар соҳаи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ корҳои бунёдии олимони ватанӣ Р.К. Раҳимов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, М.Н. Худоиев, Д.О. Қандиёрова, Т.Н. Назаров, А.А. Солеҳзода, Х. Умаров, Р.М. Мирбобоев, Т. Усмонова, С.Б. Шарипов, М.С. Содиқов, С.Ҷ. Комилов, Ф.М. Ғафоров, Д.Қ. Хоҷаев ва дигарон назаррас буда, андешаҳои ҳар яки онҳоро дар автореферат мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ. 4).

Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии муосири давлат ташаккули фазои ҷолиби сармоягузорӣ мебошад, ки дар навбати худ, барои гузаштан ба модели мукаммали идоракунии иқтисодиёт, ки ба афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва беҳбуди шароити зиндагии мардум нигаронида шудааст, мусоидат мекунад (саҳ. 9).

Инчунин, И.Н. Сафаров, сарчамаҳои асосии маблағгузории фаъолияти сармоягузориро дар расми 1 хеле моҳирона тасвир намудааст (саҳ. 10).

Диссертант қайд намуддааст, ки маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ замина барои фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузорӣ, фаъолсозии фаъолияти иқтисодӣ дар кишвар, ба даст овардани натиҷаҳои синергетикӣ ва дастгирии рушди фарогир хоҳад буд. Дар навбати худ, назарияи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ барои мо дар истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ дар самти ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ дар заминаи қабули қарорҳои дуруст, банақшагирии молиявӣ, тақсимоти даромад ва дигар қарорҳои молиявӣ ва таҳлили хавфҳо кумак мерасонад (саҳ. 10).

Дар хулосаҳои худ И.Н. Сафаров натиҷаҳои тадқиқотро ҷамъбаст намуда, барои беҳтар намудани равандҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити муосир тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст.

Мулоҳизоту ақидаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионии И.Н. Сафаров дар 12 мақолаи илмӣ инъикос ёфта, аз онҳо 7-тояш дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз арзиши баланди илмӣ ва амалии тадқиқот, дар кор як нуктае мавҷуд аст, ки ба тафсилоти иловагӣ ва шарҳи бештар ниёз дорад:

1. Дар ҷадвали 15, саҳифаи 31-и автореферати диссертатсия самтҳои фаъолгардонии нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти инвеститсионӣ оварда шудааст. Агар самтҳои мазкур дар автореферат ба таври муфассал шарҳ дода мешуд, беҳтар мебуд.

Ин эрод хосияти ҷузъӣ дорад ва арзиши умумии мусбати тадқиқотро кам намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мундариҷаи тадқиқотҳоро пурра инъикос намуда, бо дараҷаи баланди мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ фарқ мекунад. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсия ба талаботи дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллиф барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.и., дотсенти кафедраи молия
ва суғуртаи Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон Икромӣ Ф.Н.

Имзои Икромӣ Ф.Н. н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«___»__________ 2026 с.

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 44.
Тел: +992 981-07-67-67
E-mail: fazliddin-91-91@mail.ru